## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир беҳдошти нақшаҳои тақсимоти одилона ва истифодабарии самараноки захираҳои об яке аз масъалаҳои мубрами рушди устувори иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Зеро, истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об на танҳо ба баланд гардидани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатии онҳо таъсири мустақим мерасонад, балки ҳамзамон омили муҳимми рушду тараққиёти минбаъдаи кишварҳои минтақа маҳсуб меёбад.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаҳон зиёда аз 150 ҳавзаи дарёи фаросарҳадӣ (фаромиллӣ) вуҷуд дорад. Бо дарназардошти ин, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об ва дипломатияи об барои таъмини идоракунии адолатнок ва устувори захираҳои об, беҳдошти обтаъминкунӣ ва санитария ба хотири татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи об талабот ва ангезандаи муҳимтарин барои дастрасӣ ба дигар ҳадафҳои марбут ба об ба ҳисоб меравад.

Дар сатҳи диссертатсия масъалаҳои мазкур матраҳ гардида, истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об ва такмили механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об аз лиҳози назариявӣ, амалӣ ва меъёрӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардида, барои такмил ва рушди он хулосаву тасияҳои илман асоснок пешниҳод гардидааст. Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои об ва ташкили идоракунии устувори он дар шароити минтақаи Осиёи Марказӣ, на танҳо барои тавсеаи ҳамгироии иқтисодӣ, балки ҷиҳати густариши ҳамкории соҳаи муҳити зист дар минтақа ва берун аз он низ аҳаммияти хоси худро дорад. Дарвоқеъ, масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об ва зарурати фаъолкунонии ҳамкориҳои минтақавии самти мазкур аз воқеияти истифодаи заминҳои минтақавӣ дар шароити минтақаҳои хушк ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тавр, андешаҳои илмӣ дар доираи масъалаҳои ҷустуҷӯи механизмҳои нави ташкилию иқтисодии истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифзи зерсистемаҳои обӣ дар заминаи амиқи ҳамкории давлатҳои минтақаҳои Осиёи Марказӣ муҳиммияти мавзуи диссертатсияи мазкур, ҳадаф, вазифаҳо ва сохти онро муайян кардааст.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон ба омӯзиши масъалаҳои «**Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)**» бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад.

Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон соли таваллудаш 1983, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ соли 2006 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷиистонро аз рӯйи ихтисоси “иқтисодиёти чаҳон” хатм намудааст. Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон солҳои 2008-2016 аз вазифаи иқтисодчии шӯъбаи бозгардони қарзҳои Идораи карздиҳи ҶСП “Фононбонк” шуруъ намуда, то сардори маркази хизматрасонии бонкии ҶСП “Фононбонк” фаъолият намудааст. Солҳои 2016-2017 иқтисодчии Донишкадаи дизайн ва фарҳанги Тоҷикистон, солҳои 2017-2018 дар Донишкадаи фарҳанги Тоҷикистон ба ҳайси муҳосиб ва аз соли 2019 дар ҶСК “Ориёнбонк” ба ҳайси мудири маркази хизматрасонии бонкӣ фаъолият намудааст. Аз соли 2024 ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2025 инҷониб, ба ҳайси муаллими калони ҳамин кафедра кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон аз муқаддима, 3 боб 9 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкур илмӣ арзёбӣ гардида, объект, мавзӯъ ва фарзияи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявии таҳлили масъалаҳои ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ**» мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Қисмати кор, ки аз се зербоб иборат мебошад, масъалаҳои муҳим ва калидии ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об баррасӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои захираҳои об дар сохтори иқтидори

рушди иқтисодиётии минтақавӣ, заминаҳои асосии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, инчунин хусусиятҳо ва тамоюлҳои ташаккули стратегияи миллии об ва дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об таҳқиқ гардидаанд. Ҳамзамон, категорияҳои асосии истифодабарии самаранок ва оқилонаи захираҳои об дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, муайян намудани принсипҳо ва заминаҳои асосии ҳамкории минтақавии соҳаи об ва пешниҳод намудани хулосаҳои асоснок ҷиҳати мукаммал намудани ин низом аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. (саҳ.18-66)

Боби дуюми диссертатсия **«Вазъи кунунии истифодаи об ва ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ»** номгузорӣ гардида, дар он вазъи кунунии истифодаи об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, инчунин фаъолсозии механизми корпоративии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкории минтақавии соҳаи об таҳқиқ шудаанд. Дар доираи ин зербобҳо масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ ва ҳолатҳои захираҳои об таҳлил гардида, дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ ҳиссаи оби дарёҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба маҷрои ҳавзаи баҳри Арал ва ҳаҷми оби Сирдарё ва Амударё ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст. Инчунин, диссертант динамикаи тағйиёбии захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои ҳавзаи баҳри Аралро таҳқиқ намуда, захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ва кишварҳои минтақаро илман асоснок намудааст. Ҳамчунин, як қатор омилҳое, ки ба рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ ва мутақобилан судманд дар ин самт таъсири манфӣ мерасонанд, муайян намудааст. (саҳ. 67-120).

Дар боби сеюм - **«Самтҳои асосии такмили механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ» -** оид ба такмили заминаҳои консептуалии механизмҳои ташаккули ҳамкориҳои соҳаи об ва идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, инчунин, ҷиҳати таъсиси сохтор ва механизми мувофиқи институтсионалии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об пешниҳодҳо таҳия гардидаанд. (саҳ. 121 -163).

Дар доираи ин боб шаклҳои ташкилии ҳамкории судманди тарафайн ва заминаҳои косептуалӣ дар соҳаи об, ҷанбаҳои ҳалли масъалаҳои обӣ ва ташаккули табиии захираҳои об ва муносибати мутақобилаи равишҳои ҳудудӣ, соҳавӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои об дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об таҳлил ва

хулосабарорӣ карда шудаанд. Диссертант, инчунин, такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи обро муайян намуда, дар шакли расм онҳоро манзур намудааст. Ҳамзамон, андешидани тадбирҳои мушаххасро оид ба раванди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об зарур шуморида, онҳоро илман асоснок намудааст. (саҳ. 135-136)

Дар хулосаи диссетатсия вобаста ба вазифаву навгониҳо ва дастовардҳои илмӣ-амалии таҳияшуда пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оварда шудаанд (саҳ. 164-169). Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуқтаҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот дар асоснoккунии назариявӣ ва амалии самтҳои асосии такмили механизмҳои ҳамкории минтақавии об дар шароити Осиёи Марказӣ ифода ёфтааст.

Фарзияи диссертатсияи мазкур аз он иборат аст, ки такмили механизмҳои ҳамкории мутақобилан судманд оид ба истифодаи захираҳои об дар минтақа ба роҳ монда мешавад; механизмҳои идоракунӣ ва низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об мукаммал гардонида мешавад; ҳамзамон дар асоси истифодаи самараноки захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳои минтақа таъмин карда мешавад.

Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф хулоса ва пешниҳодҳоро оид ба рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар шароити муосир таҳия кардааст, ки аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқотро ифода мекунанд. Ҳамчунин, хулоса ва пешниҳодҳои мазкурро ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар шароити муосир истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот бадастомада дар шакли маъруза дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ пешниҳод карда шуданд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсия, аз интихоби мавзуъ, асоснoккунии мубрамият ва аҳаммияти он, то таҳияи мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, бо иштироки мустақим ва фаъолонаи муаллиф амалӣ карда шудаанд. Муаллиф дар раванди омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар

соҳаи об саҳми назаррас гузошта, самтҳои асосии такмили истифодабарии самараноки ин равандро дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон таҳия ва асоснок намудааст.

Диссертатсия мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, навгониҳои илмӣ асоснок карда шуда, натиҷаҳои он дар амалия ва раванди таълим истифода карда шуда истодаанд.

Хулоса, диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи идоракуниимолияи давлатӣ ва
иқтисоди рақамии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Досиев М. Н.
«24» 03 2025 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кучаи Саид Носир, 33, х. 405. Тел.: (+992) 888076868, 918 11 96 48

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А. Н.
«24» 03 2025 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33,Тел:(+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86